**Маълумот**
**оид ба қарзи давлатӣ ва сармоягузориҳои давлатӣ**
**ба ҳолати 1 январи соли 2025**

Ҳаҷми умумии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 январи соли 2025 маблағи 3,6 млрд доллари амрикоиро ташкил медиҳад, ки ин ба 25,2 фоизи ММД баробар мебошад *(барои муқоиса: ба ҳолати 1 январи соли 2024 – 30,2% буд).*

Аз ҷумла:

- 3,2 млрд доллар (89 %) - қарзи беруна;
- 0,4 млрд доллар (11 %) - қарзи дохилӣ.

Нишондиҳандаи мазкур аз рӯи сохтор

## <u>ҚАРЗИ БЕРУНАИ ДАВЛАТӢ</u>

Тибқи маълумот ҳаҷми умумии қарзи берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 январи соли 2025-ум 3,2 млрд долларро ташкил медиҳад, ки ин ба 22,5 фоизи ММД баробар мебошад.

Нишондиҳандаи мазкур аз рӯи сохтор ба таври зерин ташаккул ёфтааст:

- қарзи бевоситаи давлатӣ 3 055,2 млн доллар;
- қарзҳо бо кафолати давлатӣ 132,4 млн доллар.

Дар соли 2024 ҳаҷми умумии қарзи беруна, бо дарназардошти баргардонидани қарзҳо дар доираи як қатор лоиҳаҳо ва фарқияти қурбӣ маҷмӯан ба маблағи 55,7 млн доллар кам гардид.

Мушаххасан, тағйирёбӣ аз амалиётҳои зерин иборат мебошад, аз ҷумла:

- афзоиши азхудкунии маблағҳои қарзӣ: 166,6 млн доллар
- коҳишёбӣ аз ҳисоби фарқияти қурби асъор: 17,9 млн доллар
- коҳишёбӣ аз ҳисоби пардохти қарзи асосӣ: 204,3 млн доллар

Азхудкунии маблағҳо аз манбаъҳои зерин анҷом дода шудааст, аз ҷумла:

| | |
|---|---|
| - Бонки Умумиҷаҳонӣ | 19,6 млн доллар |
| - Бонки Осиёии Рушд | 2,8 млн доллар |
| - Бонки Исломии Рушд | 27,1 млн доллар |
| - Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд | 62,0 млн доллар |
| - Фонди СДСН (ОПЕК) | 13,5 млн доллар |
| - Бонки Аврупоии Сармоягузорӣ | 9,2 млн доллар |
| - Фонди Байналмилалии Рушди Кишоварзӣ | 1,8 млн доллар |
| - Бонки Осиёии Сармоягузории Инфрасохтор | 11,9 млн доллар |
| - Фонди Саудии Рушд | 1,2 млн доллар |
| - Кафолатҳои БАТР | 17,5 млн доллар |
| Ҳамагӣ: | 166,6 млн доллар |

Дар соли 2024 барои хизматрасонии қарзи берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 299,2 млн доллар пардохт шудааст, ки аз он пардохти қарзи асосӣ 204,3 млн доллар ва фоизи қарз 94,9 млн долларро ташкил медиҳад.

Хизматрасонии қарзи берунаи давлатӣ аз манбаъҳои зерин анҷом дода шуд:

- аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ (танҳо барои пардохти қарзи берунаи бевоситаи давлатӣ) 265,6 млн доллар, аз ҷумла барои пардохти қарзи асосӣ 180,6 млн доллар ва фоизи қарз 85,0 млн доллар;
- аз ҳисоби муассисаю ташкилотҳои давлатӣ барои хизматрасонии қарзҳои таҳти кафолати давлатӣ ҷалбшуда 33,6 млн доллар, аз ҷумла барои пардохти қарзи асосӣ 23,7 млн доллар ва фоизи қарз 9,9 млн доллар.

Инчунин, ба сохтори қарзи беруна қарзҳои таҳти кафолати давлатӣ ҷалбшуда ворид гаридаанд, ки ба ҳолати 1 январи соли 2025 маблағи умумии 132,4 млн долларро ташкил медиҳад.

Аз ҷониби КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» барои иҷрои уҳдадориҳои молиявӣ дар назди Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд то санаи 30 ноябри соли 2015 мустақиман 15,9 млн сомонӣ баробар ба 2,4 млн доллар пардохт гардида, қисмати боқимонда дар ҳаҷми 26,8 млн доллар аз сабаби пардохтнопазир гардидани ҳолати молиявии корхона, аз ҷониби Вазорати молия ҳамчун кафолатдиҳанда анҷом дода шуда истодааст.

Бо КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» шартномаҳои иҷрои уҳдадорӣ ба имзо расонида шуда, пардохти қарз таҳти назорат қарор дорад.

Тибқи шартномаҳои баимзорасида, аз ҷониби КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» дар назди Вазорати молия, маблағи қарзи асосӣ бо дарназардошти ҷарима ба миқдори 12,9 млн доллар пардохт гардид, аз ҷумла:

ҷаримаи пардохтшуда – 2,9 млн доллар

қарзи асосии пардохтшуда – 10,0 млн доллар

Боқимонда маблағи қарздории корхона дар назди Вазорати молия ба ҳолати 1 январи соли 2025 бо дарназардошти ҷаримаҳо 17,8 млн долларро ташкил медиҳад.

*Ҷадвали қарзи беруна замима шудааст (замимаи 1).*

## ҚАРЗИ ДОХИЛИИ ДАВЛАТӢ

Қарзи дохилии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 январи соли 2025 маблағи умумии 4,2 млрд сомониро ташкил медиҳад, ки ин ба 2,7 фоизи ММД баробар мебошад.

Дар соли 2024 бо мақсади хизматрасонии қарзи дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмуан 501,2 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ 180,8 млн сомонӣ, аз ҳисоби фурӯши молу мулки ба моликияти давлат қабулгардидаи ҶСК «Агроинвестбонк» ва ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» 320,4 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Инчунин, дар соли 2024 аз ҷониби вазорат тавассути 16 музояда барориши якчанд намуди вомбаргҳои давлатӣ тибқи тақвими барориши коғазҳои қиматноки давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024 дар ҳаҷми 580,0 млн сомонӣ дар муомилот пурра ҷойгир карда шуд.

Дар натиҷа, аз ҳисоби барориши коғазҳои қиматноки давлатӣ маблағи воридгардида ба суратҳисоби дахлдори сарраёсати хазинадорӣ 580,02 млн сомонӣ пурра таъмин гардид.

Дар давраи ҳисоботи ҳаҷми умумии хизматрасонии қарзи дохилии давлатӣ бо назардошти қарзи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, векселҳои давлатӣ, векселҳои хазинадорӣ ва вомбаргҳои давлатии кутоҳмуҳлат ва миёнамуҳлат дар маҷмуъ ба маблағи 807,2 млн сомонӣ (пардохти қарзи асосӣ 720,3 млн сомонӣ ва фоиз 86,9 млн сомонӣ) таъмин гардид, аз ҷумла:

- аз ҳисоби хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ, барои пардохти қарзе, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Бонки миллии Тоҷикистон ҷалб намудааст дар маҷмуъ 124,3 млн сомонӣ, аз ин пардохти қарзи асосӣ ба маблағи 110,1 млн сомонӣ ва пардохти фоиз ба маблағи 14,2 млн сомонӣ;

- иҷрои уҳдадориҳои векселҳои давлатӣ барои танзими 37 қарзҳои мушкилситони ҶСК «Агроинвестбонк» дар доираи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2012, №178, пардохти қарзи асосӣ ба маблағи 13,1 млн сомонӣ;

- иҷрои уҳдадории ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» дар доираи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 декабри соли 2016, №527, дар маҷмуъ 233,5 млн сомонӣ, аз ин пардохти қарзи асосӣ ба маблағи 196,9 млн сомонӣ ва пардохти фоиз ба маблағи 36,6 млн сомонӣ;

- иҷрои уҳдадории ҶСК «Агроинвестбонк» дар доираи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 декабри соли 2016, №527, дар маҷмуъ 149,6 млн сомонӣ, аз ин пардохти қарзи асосӣ ба маблағи 125,5 млн сомонӣ ва пардохти фоиз ба маблағи 24,1 млн сомонӣ;

- иҷрои ухдадориҳои вазорат дар назди харидорони коғазҳои қиматноки давлатӣ аз рӯи арзиши номиналӣ ва даромаднокии дисконтӣ ва купонии (қарзи асосӣ ва фоизҳо) векселҳои хазинадорӣ ва вомбаргҳои давлатии кутоҳмуҳлат ва миёнамуҳлат дар маҷмуъ ба маблағи 286,8 млн сомонӣ, аз ин пардохти қарзи асосӣ ба маблағи 274,8 млн сомонӣ ва фоизҳо ба маблағи 12,0 млн сомонӣ (фоизҳои дисконтӣ ба маблағи 5,2 млн сомонӣ ва фоизҳои купонӣ ба маблағи 6,8 млн сомонӣ).

Дар давраи ҳисоботи дороиҳои қарзии ташкилотҳои барҳамхурда ва бақияи қарзе, ки тавассути КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ба муҳоҷирони дохилӣ ва экологӣ, хизматчиёни давлатӣ, омӯзгорони ҷавон ва гурезаҳо, ки солҳои қабли аз ҳисоби буҷети давлатӣ ҷудо гардида буд, чунин аст:

Уҳдадориҳои 30 ташкилоту корхонаҳои беэътимодмонда, ки муҳлати умумии даъвояшон гузаштааст ва қарздории онҳо дар назди Буҷети давлатӣ то инҷониб боқӣ мондааст, ҳамчун дороиҳои молиявии давлатӣ ҳисобида шудаанд, маблағи 454,1 млн сомониро ташкил медиҳанд.

Қарзи ташкилотҳои барҳамхурда, ки дар асоси қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳисоббаробаркунӣ ба зиммаи Вазорати молия вогузор карда шудааст, аз он ҷумла:

- дебиторҳо 74,1 млн сомонӣ;

- кредиторҳо 55,9 млн сомониро ташкил медиҳад.

Ба ҳолати 31 декабри соли 2024 тавассути КВД БА ҶТ «Амонатбонк» аз ҳисоби қарзҳои ба муҳоҷирони дохилӣ ва экологӣ, хизматчиёни давлатӣ, омӯзгорони ҷавон, гурезаҳо, ки тибқи қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои қаблӣ ва ҳамасола аз буҷети давлатӣ ҷудо мегарданд, дар маҷмуъ маблағи 900,4 ҳазор сомонӣ баргардонида шуд, ки аз он:

- муҳоҷирони дохилӣ ва экологӣ аз ҳисоби қарзи асосӣ дар ҳаҷми 808,9 ҳазор сомонӣ;
- омӯзгорони ҷавон аз ҳисоби қарзи асосӣ 54,0 ҳазор сомонӣ ва фоиз 35,9 ҳазор сомонӣ;

- хизматчиёни давлатӣ 1,5 ҳазор сомонӣ.

Дар натиҷа, бақияи қарзҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ба ҳолати 1 октябри соли 2024 маблағи 41,2 млн сомониро ташкил медиҳанд.

Тибқи фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 майи соли 2023 №36-ф ба КВД комплекси табъу нашри “Шарқи Озод”-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои харидории се адад таҷҳизоти чопӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба андозаи 8,8 млн сомонӣ ба муҳлати 5 сол қарзи бе фоиз ҷудо гардид, ки пардохти маблағи қарзи мазкур санаи 31 декабри соли 2024 амалӣ мегардад.

Тибқи фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2020, №120-ф молу мулки ҶСП «Файзбахш», воқеъ дар шаҳри Ҳисор, ба моликияти давлат қабул ва ба тавозуни Агентии захираҳои моддии давлатӣ гузаронида шудааст. Аз ҷониби Агентӣ то ин давра ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳои ҷойдошаш дар назди Вазорати молия маҷмуан 7,2 млн сомонӣ маблағ пардохт гардидааст.

Бақияи уҳдадриҳои пардохташ расида ва пардохт нагардида 4,2 млн сомониро ташкил медиҳад.

*Ҷадвали қарзи дохилӣ замима шудааст (замимаи 2).*

## ЛОИҲАҲОИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ

Ба ҳолати 1 январи соли 2025 дар ҷумҳурӣ 90 лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ бо маблағи умумии 4,8 млрд доллари амрикоӣ, аз ҷумла 3,3 млрд доллар маблағҳои грантӣ, 1,3 млрд доллар маблағҳои қарзӣ ва 130,9 млн доллар саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналхалқии молиявӣ мавриди татбиқ қарор дорад.

Дар давоми соли 2024 аз ҳисоби лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ (бо қурби асъори буҷетӣ, яъне 1 доллари амрикоӣ баробар ба 13,21 сомонӣ) 7 833,1 млн сомонӣ маблағҳо аз худ карда шудааст, ки ин ба 92 фоизи

нақшаи тасдиқшудаи солонаи буҷети лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ барои соли 2024 баробар мебошад.

Азхудкунии маблағҳои қарзӣ 2203,3 млн сомонӣ баробар ба 82,2 фоизи нақша ва грантӣ 5629,7 млн сомонӣ баробар ба 95,9 фоизи нақша таъмин гардидааст.

Аз ҷумла дар соҳаи:

- ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, 4 лоиҳа ба маблағи умумии 135,7 млн доллари амрикоӣ амалӣ гардида, аз ин ҳисоб дар соли 2024 – 201,1 млн сомонӣ, аз он 199,4 млн сомонӣ грант ва 1,6 млн сомонӣ қарз аз худ гардидааст (111,4 фоизи нақшаи солона);

- мудофиа, 1 лоиҳа (бо дарназардошти маблағгузории иловагӣ) ба маблағи умумии 43,0 млн доллари амрикоӣ амалӣ гардида, аз ин ҳисоб дар соли 2024 – 73,4 млн сомонӣ маблағҳои грантӣ аз худ гардидааст (90,3 фоизи нақшаи солона);

- маориф, 11 лоиҳа ба маблағи умумии 427,0 млн доллари амрикоӣ амалӣ гардида, аз ин ҳисоб дар соли 2024 – 574,8 млн сомонӣ, ки аз он 398,2 млн сомонӣ грант ва 176,7 млн сомонӣ қарз аз худ гардидааст (98,4 фоизи нақшаи солона);

- тандурустӣ, 8 лоиҳа ба маблағи умумии 309,4 млн доллари амрикоӣ амалӣ гардида истода, аз ин ҳисоб дар соли 2024 – 528,3 млн сомонӣ, ки аз он 490,8 млн сомонӣ грант ва 37,5 млн сомонӣ қарз аз худ гардидааст (94 фоизи нақшаи солона);

- хоҷагии манзилию коммуналӣ, 17 лоиҳа ба маблағи умумии 403,2 млн доллари амрикоӣ амалӣ гардида, ки аз ин ҳисоб дар соли 2024 – 674,4 млн сомонӣ, ки аз он 607,5 млн сомонӣ грант ва 66,9 млн сомонӣ қарз аз худ гардидааст (89,3 фоизи нақшаи солона);

- фарҳанг ва варзиш, 3 лоиҳа ба маблағи умумии 78,0 млн доллари амрикоӣ амалӣ гардида, ки аз ин ҳисоб дар соли 2024 – 299,1 млн сомонӣ маблағҳои грантӣ аз худ гардидааст (97,1 фоизи нақшаи солона)

- энергетика, 20 лоиҳа ба маблағи умумии 1,84 млрд доллари амрикоӣ амалӣ гардида, аз ин ҳисоб дар соли 2024 – 2 227,8 млн сомонӣ, ки аз он 1 253,9 млн сомонӣ грант ва 973,8 млн сомонӣ қарз аз худ гардидааст (81,1 фоизи нақшаи солона);

- кишоварзӣ, 14 лоиҳа ба маблағи умумии 557,6 млн доллари амрикоӣ амалӣ гардида истода, ки аз ин ҳисоб дар соли 2024 – 717,5 млн сомонӣ, аз он 558,8 млн сомонӣ грант ва 158,7 млн сомонӣ қарз аз худ гардидааст (86,3 фоизи нақшаи солона);

- нақлиёт, 12 лоиҳа ба маблағи умумии 1,05 млрд доллари амрикоӣ амалӣ гардида истода, ки аз ин ҳисоб дар соли 2024 – 2 536,7 млн сомонӣ аз худ шудааст, ки аз он 1 748,5 млн сомонӣ грант ва 788,1 млн сомонӣ қарз мебошад (101,2 фоизи нақшаи солона).

Ҳамкориҳо бо шарикони рушд низ дар ин давра тақвият дода шуда, дар соли 2024 , барои татбиқи 26 лоиҳаҳои нави сармоягузории давлатӣ бо риояи расмиёт бо шарикони рушд 36 созишномаи қарзию грантӣ ба маблағи умумии 1 495,06 млн доллари амрикоӣ ба имзо расонида шуд.

Дар баробари ин, ҷиҳати амалисозии боз 7 лоиҳа, ки арзиши умумии онҳо 238,6 млн доллари амрикоиро ташкил медиҳад, гуфтушунидҳо бо созмонҳои маблағгузор идома дошта, ҳаҷми умумии маблағҳои дар соли 2024 ҷалбшуда бо дарназардошти ин 1 733,66 млн доллари амрикоиро ташкил менамояд.

Аз ин маблағ 858,32 млн доллари амрикоӣ ё 49,5 фоиз маблағҳои грантӣ, 838,36 млн доллари амрикоӣ ё 48,4 фоиз маблағҳои қарзӣ (аз он 561,7 млн доллари амрикоӣ қарз барои сохтмони НБО «Роғун») ва 34,7 млн доллари амрикоӣ ё 2,0 фоизи он саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

*Ҷадвалҳои лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ замима шудаанд (замимаҳои 3 ва 4).*

# <u>СОЗИШНОМАҲОИ ЗЕРҚАРЗӢ ВА ҚАРЗӢ</u>

Ба ҳолати 1 январи соли 2025 маблағҳои баргардонидашуда аз ҷониби ташкилотҳо аз рӯи созишномаҳои зерқарзӣ тибқи ҷадвали пардохт дар маҷмӯъ 368,8 млн сомониро ташкил медиҳад (қарзи асосӣ 331,6 млн сомонӣ ва фоизи қарз 37,2 млн. сомонӣ). Аз ҷумла:

| Баргардонидани қарз аз рӯи созишномаҳои зерқарзӣ | |
|---|---|
| ҶСК «Барқи Тоҷик» | 231,2 млн сомонӣ |
| КВД «Обу корези Душанбе» | 26,6 млн сомонӣ |
| КВД БА ҶТ «Амонатбонк» | 1,6 млн сомонӣ |
| ҶСК «Помир Энерҷӣ» | 9,5 млн. сомонӣ |
| ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | 59,5 млн. сомонӣ |
| КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» | 2,4 млн сомонӣ |
| ҶСК «НБО Роғун» | 35,2 млн сомонӣ |
| ҶСК «Тоҷиктрансгаз» | 1,7 млн сомонӣ |
| ҶСК "Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе" | 0,2 млн сомонӣ |
| КВД "Хоҷагии манзилию коммуналӣ"-и н. Файзобод | 0,01 млн сомонӣ |
| КВД БССТ «Саноатсодиротбонк» | 0,9 млн сомонӣ |
| Ҳамагӣ | 368,8 млн сомонӣ |

Дар соли 2024 аз уҳдадориҳои умумии молиявии ҶСК «Барқи Тоҷик», ки 1 183,6 млн сомониро ташкил медиҳад, ки ба ҳолати 1 январи соли 2025 ҳамагӣ 231,2 млн сомонӣ ё 19,5 фоизи уҳдадориҳо таъмин шудааст.

Бояд қайд намуд, ки аз маблағҳои мазкур 229,2 млн сомонӣ аз ҳисоби пардохти маблағҳои қувваи барқи ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ *(суратҳисоби 197),* яъне аз ҳисоби Буҷети давлатӣ пардохт гардидааст.

Дар соли 2024 қарздории КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» аз рӯи созишномаи зерқарзӣ бо асъори доллари амрикоӣ дар маҷмуъ 7,1 млн

доллар, аз ҷумла қарзи асосӣ 1,6 млн доллар, фоизи қарз 4,4 млн доллар ва ҷарима 1,1 млн доллар, инчунин аз рӯи созишномаи зерқарзӣ бо асъори юани хитоӣ дар маҷмӯъ 22,2 млн юани хитоӣ, аз ҷумла фоизи қарз 18,4 млн юани хитоӣ ва ҷаримаи ҳисобшуда 3,8 млн юани хитоиро ташкил медиҳад.

Қарздории ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик» аз рӯи созишномаи зерқарзӣ бо асъори доллари амрикоӣ дар маҷмуъ 329,4 ҳазор доллари амрикоӣ, аз ҷумла фоизи қарз 29,4 ҳазор доллар ва ҷарима 300,0 ҳазор доллар ва аз рӯи созишномаи зерқарзӣ бо асъори юани хитоӣ дар маҷмӯъ 3,1 млн юани хитоӣ, аз ҷумла фоизи қарз 2,4 млн юани хитоӣ ва ҷаримаи ҳисобшуда 740,0 ҳазор юани хитоиро ташкил медиҳад.

Қарздории ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» аз рӯи созишномаи зерқарзӣ дар маҷмуъ 22,3 млн евро, аз ҷумла қарзи асосӣ 13,7 млн евро, фоизи қарз 2,7 млн евро ва ҷарима маблағи 5,9 млн евроро ташкил медиҳад.

Уҳдадории умумии ҶСК «Тоҷиктрансгаз» дар назди Вазорати молия аз рӯи 4 созишномаи зерқарзӣ дар соли 2024 дар маҷмӯъ 19,6 млн доллар, аз ҷумла қарзи асосӣ 7,2 млн доллар, фоизи қарз 5,8 млн доллар ва ҷарима 6,6 млн долларро ташкил медиҳад.

Уҳдадории умумии ҶСК «НБО Роғун» дар назди Вазорати молия аз рӯи созишномаи зерқарзӣ дар соли 2024 дар маҷмӯъ 242,6 млн доллар, аз ҷумла қарзи асосӣ 68,2 млн доллар, фоизи қарз 173,0 млн доллар ва ҷарима 1,4 млн долларро ташкил медиҳад.

Қарздории ташкилотҳо аз рӯи созишномаҳои зерқарзӣ дар маҷмӯъ 3,9 млрд сомонӣ (ё 352,5 млн доллар) ва тибқи ҳалномаҳои судӣ аз рӯи созишномаҳои баитмомрасида дар маҷмӯъ 73,1 млн сомонӣ (ё 6,7 млн доллар) ташкил медиҳад.

*Ҷадвалҳои созишномаҳои зерқазӣ замима шудаанд (замимаҳои 5 ва 6).*

Вазорати молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон